**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-003**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Суроға: 734025, шаҳри Душанбе, маҳаллаи**
**Буни ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён бинои**
**таълимии 7**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна дар мавзӯи "Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ)**

## 1. Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна дар мавзӯи: "Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ), ба банди 11.- Муҳоҷирати аҳолӣ, таснифоти (классификатсияи) он (типҳо (навъҳо), намудҳо, шаклҳо) ва усулҳои арзёбӣ (ченкунӣ); равишҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиву демографӣ дар омӯзиши муҳоҷирати аҳолӣ, эҳё ва рушди назарияи муҳоҷират; муҳоҷират дар назария ва консепсияҳои гузариши демографӣ; равандҳои муҳоҷиратӣ, тамоюл ва омилҳои онҳо 12.- Муҳоҷирати байналмилалӣ; эмигратсия ва таъсири он ба рушди демографии мамлакатҳои эмигратсия, ба тағйироти иқтидорҳои меҳнатӣ, илмӣ-техникӣ ва зеҳнӣ; иммигратсия, сабабҳо ва нақши он дар рушди сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва демографии мамлакатҳои қабулкунанда 13.-Қонуниятҳои муосири муҳоҷирати ҷаҳонӣ; нақши муҳоҷират дар ташаккулёбӣ ва рушди бозорҳои ҷаҳонӣ ва миллии меҳнат; таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба

рушди ичтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии кишварҳои қабулкунанда ва интиқолдиҳандаи муҳоҷирон, мутобиқат дорад.

## 2. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Дар шароити муосир мубрамии мавзӯи таҳқиқшаванда аз он иборат мебошад, ки тайи даҳсолаҳои охир равандҳои муҳоҷират дар миқёси ҷаҳон ва аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба афзоиш ниҳода истодааст. Масъалаҳо марбут ба идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати пайдо кардани роҳҳои ҳалли он, аз ҷониби пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ ва коршиносони ватанию хориҷӣ омӯхта шуда, мавриди коркард ва пешниҳоди хулосаҳо ба мақомоти дахлдори давлатӣ қарор дорад. Ҳамзамон, тайи солҳои охир раванди баргаштан ва ё рондану берун кардани шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони кишварамон аз хориҷа яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар самти муҳоҷират ба ҳисоб меравад ва нисбати он диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Ташаббусҳои чандинкаратаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди Президенти Федератсияи Русия муҳтарам Путин В.В. оид ба авф намудан ва аз рӯйхати “манъшудагон”- и ин давлат хориҷ кардани даҳҳо ҳазор нафар шаҳрвандони кишварамон, шаҳодати афзалиятнок ва саривақтӣ будани мавзуи диссертатсия мебошад.

Раванди аз хориҷа баргашти шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳуроти нав мебошад. Бо мақсади ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта ва ба танзим овардани равандҳои муҳоҷират, ташкили механизми самараноки ҳамкориҳои байниидоравию байнидавлатӣ, таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон дар дохил ва хориҷи кишвар, гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ ва чорабиниҳои гуногуни давлатӣ дар ин самт, мубрамии мавзӯи таҳқиқотиро тасдиқ менамояд (саҳ 4).

Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатии кишварамон аз хориҷа ва асосан аз ҳудуди Федератсияи Россия, ки тақрибан 95%-и

шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар ин мамлакат кор мекунанд, бо афзоиши босуръат аз соли 2014 инҷониб сар шудааст. Чунин вазъият дар дигар кишварҳои хориҷи дуру наздик низ ба назар мерасад ва асоси баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ аз хориҷа, ин сабабҳои анъанавӣ ва сабабҳои вобаста ба зуҳуроти нави муҳоҷиратӣ мебошад (саҳ 17).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба як қатор барномаю стратегияҳои дахлдори соҳавӣ бевосита ҳамбастагӣ дорад. Мавзӯи диссертатсия дар татбиқи амалии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022», «Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» равона гардидааст (саҳ 6).

### 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муваффақиятҳои унвонҷӯро дар омода кардани навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда қайд кардан лозим аст, ки он дар матни диссертатсия мукаммал дарҷ гардидааст (саҳ. 8-11). Навгонии илмии таҳқиқот дар ошкор намудани ҷанбаҳои назариявию методии масъалаҳои афзоиши баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун зуҳуроти нави ҷараёни қувваи кории байналхалқӣ иборат буда, бо натиҷаҳои зерин, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, муайян гардидааст:

– тамоюли афзоишёбандаи ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуданд;

- хусусиятҳои кунунии баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити зуҳуроти нави муҳоҷиратӣ муайян карда шудаанд;

- мафҳуми «муҳоҷирони меҳнатии баргашта» ҳамчун зуҳуроти нав дар равандҳои муҳоҷират муайян карда шуд: «Муҳоҷирони меҳнатии баргашта - ин шахсоне мебошанд, ки дар хориҷа фаъолияти кориро ба

амал меоварданд ва бо сабаби риоя накардани конунгузории давлати қабули муҳоҷирон, ба ватан баргардонида шудаанд». Мафҳуми зикргардида ҳамчун зуҳуроти оммавии нав дар самти муҳочират баён ёфта, ба ақидаи мо ворид намудани он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳочират» мақсаднок мебошад;

- сабабҳои баргашт (рондан)-и муҳоҷирони меҳнатӣ ошкор карда шудаанд;

-заминаҳои иловагӣ оид ба омӯзиши касбии шаҳрвандони кишварамон бо дарназардошти рақобатпазирӣ дар бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ муайян карда шуданд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдани таҷрибаи пешқадами кишвари Филиппин оид ба рушди ҳамкориҳои давлатию хусусӣ дар самти касбомӯзии муҳочирони меҳнатӣ ба мақсад мувофиқ аст;

- механизми хизматрасонии иҷтимоию иқтисодӣ ба муҳоҷирони меҳнатии баргашта коркард шуда, амсилаи миллии ҳамкориҳои байниидоравӣ омода карда шудааст;

- масъалаи татбиқи механизмҳои идоракунии равандҳои муҳоҷират ва рушди институтсионалӣ дар ин самт дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ пешниҳод шудааст.

Нуқтаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, исботи натиҷаҳои амалии кори унвонҷӯйро ифода менамоянд ва аз инҳо иборат мебошанд (саҳ 10):

- тавассути гузаронидани таҳлилҳои муқоисавӣ оид ба рафтуомади муҳоҷирони меҳнатии кишварамон, тамоюли афзоишёбандаи ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуданд;

- бо дарназардошти ба амал омадани зуҳуроти нави муҳоҷиратӣ дар солҳои охир, хусусиятҳои хоси баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити ҳозира муайян гардидаанд;

- вобаста ба он, ки дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллӣ ва байналхалқӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ мафҳуми «муҳоҷирони

меҳнатии баргашта» ҳамчун зуҳуроти нав мавҷуд нест, унвонҷӯ коркарди муқаррароти онро пешниҳод намудааст;

- сабабҳои асосии баргашт (рондан)–и муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷа тавассути таҳқиқоти маҷмӯии масъала ошкор карда шуданд;

- заминаҳои иловагӣ оид ба омӯзиши касбии муҳоҷирони меҳнатии кишварамон бо дарназардошти рақобатпазирӣ дар бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар дар асоси таҷрибаи пешқадами давлати Филиппин дар ин самт, муайян гардиданд;

- механизми муосири хизматрасонии иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирони меҳнатии баргашта ва амсилаи миллии ҳамкориҳои байниидоравӣ бо мақсади таъмин намудани идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират, коркард шуданд;

- масоили татбиқи механизмҳои идоракунии равандҳои муҳоҷират ва рушди институтсионалӣ дар ин самт дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ таҳқиқ ва пешниҳодҳо манзур гардиданд.

### 1. 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Шиносоӣ бо кори диссертатсионии пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки мавзуи интихобгардида аз тарафи унвонҷӯй айни замон барои Тоҷикистон саривақтӣ ва ҳалталаб мебошад. Мутобиқ ба таҳқиқоти гузаронидашуда хулосаҳои овардашуда асоснок гардидаанд ва фарогири натиҷаҳои мухтасари асосии илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд. Масалан, хулосаи муаллиф оиди афзоиш ёфтани тамоюли муҳоҷират дар миқёси ҷаҳон ва аз он ҷумла дар Тоҷикистон низ, воқеияти ҳолро тасдиқ менамояд ва ин ҷараён ба омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ ва экологӣ вобастагӣ дошта, асоснок гардидааст (банди 1-уми хулоса). Инчунин, масъалаи баргаштани шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони кишварамон аз Федератсияи

Русия ва ҳар сол дар рӯйхати “манъшудагон” номнавис гардидани 100-300 ҳазор нафар аз ҳисоби онҳо, зуҳуроти нав дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб меравад, ки ин ҷараён дар диссертатсия мавриди омӯзиш қарор дорад ва асоснок карда шудааст (банди 3-уми хулоса).

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо омӯзиши доираи васеи адабиёти мавзуии ватанӣ ва хориҷӣ, таҳлили маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаи мавриди таҳқиқ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи васеи воқеӣ ва оморӣ, омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта ва коркарди он бо мақсади истифодабарӣ бо назардошти шароити имрӯзаи иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо аз таҳлили илмию назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии мавзӯи таҳқиқшаванда бармеоянд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он**

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои онро институтҳои идоракунии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ба коркарди барномаҳои тараққиёти иқтисодии кишвар ва минтақаҳо доир ба истифодаи самараноки қувваи корӣ ва баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун зуҳуроти нав машғул мебошанд, истифода бурда метавонанд. Хулоса ва натиҷаҳои илмии бадастомада барои ҳалли вазифаҳои назариявӣ ва амалии ошкоршудаи ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ ва рафъи мушкилоти ин самт, равона карда шудаанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди як қатор пешниҳодҳо оварда шудааст, ки дар оянда метавонад дар фаъолияти кории вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ ва Донишгоҳҳои олӣ истифода бурда шаванд, ки

он дар натиҷа ба танзими равандҳои муҳоҷират ва таъмин намудани идоракунии давлатӣ дар ин самт таъсири мусбии худро мерасонад.

Дар мавриди аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он дар истеҳсолот бояд қайд кард, ки раванди баргаштани муҳоҷирони меҳнатии кишварамон аз хориҷа ҷиҳатҳои мусбии худро низ дорад ва мо бояд онро дар ҷомеа самаранок истифода барем. Зеро, қисме аз муҳоҷирони баргашта бо мақсади ташкил намудани фаъолияти корӣ дар дохили кишвар, аз ҷумла дар бахши соҳибкорӣ, маблағи муайян доранд. Ба ғайр аз он, бисёри муҳоҷирон дар хориҷа дорои касбу ихтисосҳои муосир гардидаанд ва метавонанд дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти мамлакат саҳмгузор бошанд. Инчунин, оилаҳои муҳоҷирон низ аз ҳисоби маблағҳои пасандозшуда ва воситаҳои техникии ба кишвар воридшуда, имконият доранд дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар фаъолона иштирок намоянд. Ин гуна масъалагузорӣ дар банди 4-уми хулосаҳо ва пешниҳодҳо ифода ёфтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии довталаб аз ҷамъбастнамоӣ, банизомдарорӣ, аниқсозӣ ва пуррагардонии нуқтаҳои назариявӣ ва амалӣ нисбат ба таҳлил ва баҳодиҳии ҷараёни баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ бо назардошти механизми идоракунии ин раванд иборат мебошад. Диссертатсия дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва таҳлили маҷмӯии раванди баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун зуҳуроти нав дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ кор карда баромада шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби сохторҳои зертобеи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ш. Хуҷанд (маълумотнома №118 аз

31.05.2022с.), ҳамзамон дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (маълумотномаи №93 аз 30.04.2022с.) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Унвонҷӯ татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертасионии худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки тафсири мукаммали онро дар шакли зерин мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки «Асосҳои назариявии танзими равандҳои муҳоҷират ва зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ» номида шудааст, масъалаҳо оид ба асосҳои консептуалии муҳоҷирати меҳнатӣ ва сабабҳои асосии баргашти муҳоҷирон, тамоюли афзоишёбандаи ҷараёни муҳоҷират ва хусусияти баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун зуҳуроти нав дар ҷараёни муҳоҷиратӣ, инчунин танзими равандҳои муҳоҷират дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуданд (саҳ 14-46).

Дар боби дуюм – «Таҳлили вазъи муосири муҳоҷират ва зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ» бошад, таҳлили вазъи муосири муҳоҷирати меҳнатӣ, таъсири он ба ҳолати демографӣ, бозори меҳнат, чораҳо оид ба ҳамгироии муҳоҷирони меҳнатии баргашта дар ҷомеа, вазъи муосири касбомӯзии муҳоҷирони меҳнатӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилот дар ин самт, ба таври мушаххас инъикос шудаанд (саҳ 63-94).

Боби сеюми дисертатсия «Такмил додани механизмҳои идоракунии равандҳои муҳоҷират дар шароити зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ», масъалаҳои марбут ба ташкили механизми дастгирии иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирони меҳнатии баргашта дар шароити зуҳуроти нави муҳоҷиратӣ, истифодаи таҷрибаи байналхалқӣ, нақши давлат дар татбиқи механизмҳои идоракунии равандҳои муҳоҷират ва рушди институтсионалиро дар бар гирифтаанд (саҳ 110-159).

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ дар як қатор маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқии кори анҷомгардида

мебошад. Илова бар ин муқаррароти натиҷаҳои асосии диссертасия дар 23 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола бо ҳаҷми умумии 19,3 ҷузъи чопӣ дар маҷаллаю нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан, ҳаҷми корҳои илмии мавҷуда муҳтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамояд.

## 7. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ

Дар баробари комёбиҳои назарраси таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ, як қатор камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз нуқтаи назари мо ислоҳи онҳо бар фоидаи кор буда, ҳамзамон моҳияти амалию методии диссертатсияро беҳтар менамуданд:

1. Дар саҳ. 15 муаллиф тавсифи "муҳоҷирати меҳнатӣ" - ро аз нуқтаи назари худ бо дарназардошти амалӣ намудани фаъолияти корӣ дар қаламрави давлатҳои хориҷа пешниҳод кардааст, ки он баҳсталаб мебошад. Зеро, раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар ду самт амалӣ карда мешавад ва он мафҳумҳои худро дорад, яъне: "муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ" – берун аз кишвари зист ва "муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ" – дар ҳудуди кишвари зист. Аз ин хотир, ба муаллиф тавсия дода мешавад, ки барои иҷрои корҳои ояндаи илмӣ ва асоснок кардани фикру ақидаи худ дар самти муҳоҷират, бештар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро мутолиа намояд.

2. Дар саҳ. 31 маълумот дар бораи ба муҳоҷирати байналхалқӣ шомил будани тоҷикон дар саросари ҷаҳон дар ҷадвали 1.2.1. оварда шудааст. Қайд кардан лозим аст, ки марбут ба масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ Созмони Миллали Муттаҳид, Созмони байналхалқии муҳоҷират ва Бонки умумиҷаҳонӣ фаъолияти пурсамарро ба анҷом мерасонанд ва маълумоти онҳо дақиқтар аст. Вобаста ба ин хуб мебуд, ки муаллиф дар корҳои илмӣ-амалӣ маводҳои ташкилотҳои байналхалқии номбаршударо бештар истифода барад.

3. Дар зербоби 1.2. масъалаҳо оид ба тамоюли афзоишёбандаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва хусусияти баргашти он ҳамчун зуҳуроти нав омӯхта шуданд. Аз нуқтаи назари мо қисми аввали мавзуъ дар бораи тамоюли

афзоишёбандаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ба қадри кофӣ омухта нашудааст ва ҷиҳати беҳтару пурмазмун намудани сифати кори диссертатсионӣ хуб мебуд, ки муаллиф масъалаи мазкурро дар асоси маълумотҳои омории расмӣ омухта мебаромад.

4. Номи зербоби 2.2. – Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ ва тадбирҳои давлатӣ оид ба ҳамгироии онҳо дар ҷамъият, мебошад. Қисмати аввали масъала муфассал дарҷ карда шудааст, аммо оид ба тадбирҳои давлатӣ ҷиҳати ҳамгироии муҳоҷирон дар ҷамъият маълумот кам ба назар мерасад. Бар фоидаи кор мебуд, агар унвонҷӯй татбиқи барномаю стратегияҳои давлатиро дар ин самт ифода мекард ва бо ин роҳ натиҷаҳои фаъолияти мақомотҳои дахлдори давлатиро арзёбӣ менамуд.

5. Зербоби 3.1. “Ташкили механизми дастгирии иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирони меҳнатии баргашта дар шароити зуҳуроти нави муҳоҷиратӣ” номгузорӣ карда шудааст ва муаллиф дар саҳифаҳои 121-123 механизми ҳамкориҳои байниидоравӣ ва амсилаи миллии онро пешниҳод кардааст. Гарчанде зуҳуроти нави баргаштан ва ё рондани шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони кишварамон аз хориҷа аз соли 2014 инҷониб давом дорад, лекин механизми муосир ва ҳамкориҳои байниидоравӣ то ҳоло ба таври лозима ба роҳ монда нашуданд ва мушкилиҳо дар ин самт давом доранд. Аз нуқтаи назари муаллиф, барои чӣ ин гуна ҳолат ба амал омад ва коркарди механизми пешниҳодшуда танҳо ақидаи муаллиф аст ва ё аз таҷрибаи байналхалқӣ омухта шудааст?

6. Дар зербоби 3.2. (саҳ. 126-142) таҷрибаи пешқадами давлати Филиппин омӯхта шудааст ва дар амал татбиқ намудани баъзе аз натиҷаҳои назарраси он бо дарназардошти шароити имрузаи кишвар, қобили қабул аст. Дар ин маврид хуб мебуд, ки муаллиф дар диссертатсия ҷиҳатҳои асосии онро барои истифода дар фаъолияти мақомотҳои дахлдори давлатии кишварамон ифода менамуд.

Ба ақидаи мо камбудиҳои номбаршуда характери тавсиявӣ доранд ва ислоҳшаванда мебошанд. Бинобар ин, онҳо ба арзиши илмии диссертатсияи иҷрошуда таъсири манфӣ расонида наметавонанд

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар заминаи муқарраротӣ низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

**9. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Рисолаи диссертатсионии Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна дар мавзӯи: “Зуҳуроти нави баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити афзоиши ҳаракати байналхалқии қувваи корӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ) ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст ва кори мустақилонаи илмии ба итмом расида ба ҳисоб меравад.

Автореферати рисолаи номзадӣ мақсад ва муҳтавои асосии таҳқиқотро дар бар мегирад ва мӯвофиқи талаботи мавҷудбуда омода карда шудааст.

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии Тоҷибоева Мавҷуда Негматовна ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти унвони номзади

илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.11 – Иқтисодиёти нуфус ва демография (илмҳои иқтисодӣ) арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ: н.и.и., ходими пешбари илмии шӯъбаи таҳқиқотҳои демографии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Бобоев А.А.**

**Имзои Бобоев А.А- ро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шӯъбаи кадрҳои ИИваДАМИТ** **Қурбонов Э.Т**

**Институти иқтисодиёт ва демография, 734024, ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44.**
**Тел/факс: (+992 37) 221-67-50**